# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Қодирзода Ғолиб Нурулло дар мавзуи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.**

1. Баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабул гардидани Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конститутсияи соли 1994 роҳи бунёди давлати ҳуқукбунёдро пеш гирифтааст. Ташаккули шуури ҳуқуқии шаҳрвандон ва хизматчиёни давлатӣ, аз ҷумла кормандони мақомоти корҳои дохилӣ яке аз заминаҳои асосии ташаккули давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Баррасии масъалаи мазкур ва пешниҳод намудани роҳҳои ҳаллӣ он ҷиҳати баланд гардидани шуури ҳуқуқӣ ва сатҳи касбияти кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба мустаҳкам намудани пояи давлати ҳуқуқбунёд мусоидат менамояд.

Имрӯз амалияи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон собит месозад, ки дар самти сатҳи шуури ҳуқуқии кормандон як андоза норасогиву камбудиҳо ҷой доранд. Бояд зикр намуд, ки ҷой доштани норасоӣ аз сатҳи пасти шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад, ки ин ба риояи қонуният, ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва амалигардии ҳадафҳои стратегии давлат таъсири манфӣ мерасонад. Бо ин мақсад Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳои худ, роҳбарияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро вазифадор намуданд, ки ба масъалаҳои баланд бардоштани салоҳиятнокӣ ва маҳорату малакаи касбӣ, сатҳи донишу маърифатнокӣ, донишҳои ҳуқуқиву сиёсӣ, инчунин, фарҳанги касбии кормандони соҳа таваҷҷуҳи

доимӣ зоҳир намуда, бахри пешгирӣ намудани ҷинояту ҷиноятқорӣ чораҳои қатъӣ андешанд.

Дар шароити демократикунонии васеи ҷомеа, ташаккул додани шуури ҳуқуқии кормандони кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозои замон мебошад. Ташаккул ва инкишофи давлати ҳуқуқбунёд аз сатҳи баланди шуури ҳуқуқии кормандони кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста мебошад. Ҳамзамон сатҳи зарурии шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин заминаи таъмини қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Ташаккули шуури ҳуқуқии кормандон ба барқарорсозии фазои маънавӣ, равонӣ ва маърифатӣ дар байни ҳайати шахсии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мусоидат менамояд.

Таҳқиқоти илмии мазкур масъалаҳои назариявии шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар алоқамандӣ ба раванди ислоҳоти милитсия ва дар шароити ташаккулёбии давлати ҳуқуқбунёд зарурatро металабад ва ба интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур асос ёфтааст.

2. Диссертатсия ба талаботҳои бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Диссертатсия кори илмӣ – тахассусии анҷомёфта буда, аз ҷониби унвонҷӯй мустақилона таҳияшуда, сатҳи навгонӣ ва дар шароити ҷумҳурӣ татбиқшаванда буданро дорад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назарияи давлат ва ҳуқуқ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии унвонҷӯйро нишон медиҳанд.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқоти мазкур ба Шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 – уми январи соли 2022, № 16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар, 13 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯй баён шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Ғ.Н., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯй маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби ӯ чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61 – уми Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба роҳбарӣ гирифта,

Комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Қодирзода Ғолиб Нурулло дар мавзуи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

– Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– Саъдизода Ҷаҳонгир - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири

шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Холиқзода А.Ғ.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Шарофзода Р.Ш.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон
ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ,
аъзои комиссияи экспертӣ Миралиев И.Қ.

Имзоҳоро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«02» июли 2024

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ